ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-086 назди Донишгохи давлатии Хоруғ ба номи М Назаршоев ба диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо (илмҳои биологӣ).

Диссертатсияи Мирзозода Б.Б., дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» таҳти роҳбарии номзади илмҳои биологӣ дотсент Мадаминов Абдулло Асроркулович ва муовири илмӣ доктори илмҳои биологӣ узви вобастаи АМИТ Ҷумаев Бахшулло Бокиевич иҷро карда шудааст.

Диссертатсия дар асоси нақшаи мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи экология ва захираи растаниҳои ИБФваГИ АМИТ «қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 "Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №170 "Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №264, "Барномаи давлатии гайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030", иҷро гардидааст. Мавзуи таҳқиқ дар бобати амалӣ гардидани солҳои 2020 - 2040 бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ мусоидат мекунад.

Диссертатсия аз рӯйи мавзуъ ва муҳтаво ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм мувофиқат мекунад. Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-086 ҳуқуқ дода шудааст, ки онро барои ҳимоя қабул кунад.

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисосе пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои биологӣ) гузаронида шудааст:

Банди 1. Масоили назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунпаклии он, таснифот ва номенклатураи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва ҷамъоҳои наботот.

Банди 2. Сохтори организмҳои растанӣ, рушд ва инкишофи онҳо, асосҳои фаъолияти ҳаётӣ, мутобиқшавӣ ба шароити муҳити зист ва ҳамзистии муштарак. Сохтори анатомӣ-морфологии растаниҳо.

Банди 4. Масоили назариявӣ ва амалӣ вобаста ба паҳншавии ҷуғрофии организмҳои растанӣ, хусусиятҳои паҳншавии ҳозира ва гузаштаи намудҳои растанӣ ва флора, ноҳиябандӣ ва харитасозии наботот ҳамчун яке аз захираҳои барқароршаванда.

Банди 5. Муносибати намудҳо, гурӯҳҳои экологӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва ҷамоҳаҳои растанӣ бо муҳити нашъунамо, пишондиҳии ҳолати муҳити зист бо истифода аз растаниҳо. Банди 10. Масоили назариявӣ ва амали оид ба истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама захираҳои флораи табиӣ, бо мақсадҳои амалӣ (доруворӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, мелиоративӣ, ороишӣ ва ғайра).

Банди 11. Таҳияи асосҳои интродуксия, акклиматизатсия ва ворид намудани растаниҳо ба кишт, инчунин асосҳои индикация ва мониторинги муҳити табиӣ ва пӯшиши наботот. Ҳамчунин, ба ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо мутобиқ мебошад: Таркиби кимиёвӣ, сохтор ва хосиятҳои моддаҳои табиати зинда; таҳқиқи хосиятҳо, ҷудокунии пайвастагиҳо ва роҳҳои истифодаи онҳо, ки ба синфҳо ва гурӯҳҳои гуногун мансубанд.

Банди 8. Физиологияи ғизогирии минералии растаниҳо, азхудкунии симбиотикии нитроген, электрофизиология, сохтор ва функсияҳои интиқолдиҳандаҳои ионӣ ва ретсенторҳои инотронӣ. Банди 9. Физиологияи мубодилаи об ва низоми обии растаниҳо. Сохтор ва функсияҳои аквапоринҳо.

Банди 11. Асосҳои физиологию биохимиявии устувории растаниҳо ба шароити стрессии муҳити беруна. Физиология ва биохимияи мутобиқшавии растаниҳо ба стресс. Реаксияи растаниҳо ба ксенобиотикҳо, нанозарраҳо ва заминаи радиатсионии муҳити зист.

Банди 12. Раванди истеҳсолот ва танзими он. Физиологияи зироатҳои кишоварзӣ ва растаниҳои экзотикӣ (физиологияи хусусии растаниҳо).

Диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод барои омӯзиши гуногунии биологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, экологию, физиологӣ ва маҳсулнокии растаниҳои ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор дар робита бо таъсири антропогенӣ муайяан карда шудааст.

Оид ба мукаммалӣ ва инъкос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 22 корҳои илмӣ мукаммал инъикос ёфтаанд. Дар мақолаҳои чоншуда натиҷаи таҳқиқоти илмӣ доир ба омӯзиши ҷамоаи растаниҳои набототи баландпояи саваннамонанд (юғанзор) ва захираҳои растаниҳои хӯроки чорво дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор оварда шудааст.

Дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия. Дохил ба мавзуи диссертатсия муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 22 корҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ичунин як тавсиянома ва як монографияи методӣ нашр карда шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ. Натиҷаҳои таҳқиқотӣ, ки дар асоси қисми таҷрибавии кор ба даст оварда шудаанд, эътимодноканд, зеро таҳқиқот дар сатҳи баланди методӣ бо истифода аз усулҳои аз ҷониби ҳамагон қабулшуда ва махсус гузаронида шуданд, ки дурустии намоёндании маводи аввалияро муайян мекунад. Натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои коркарди омории маълумот таҳлил шуда, арзишҳои миёна (M), хатои миёна (±m) ва дараҷаи эътимоднокии фарқиятҳо (p) муайян карда шуданд.

Эътимоднокии маълумот бо ҳаҷми кифоя маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот бо муайянкунии дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва интихоби оиҳо таъмин мегардад. Дар асоси натиҷаҳои илмии ба даст омада хулосаҳо ва тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ мухтасар ифода гардидаанд.

Вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро. Диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод дар мавзӯи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ биохимиявии набототи баландпоя саваннамонанди қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.18 ботаника, 1.5.12-физиология ва биохимияи растаниҳо ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки ба диссертатсияи номзади илм пешбинӣ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо пешниҳод карда мешавад.

Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар. Комиссия дар асоси банди 69 «Низомномаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 барои тасдиқ кардани муқарризони расмӣ чунин пешниҳод менамояд:

1. Наврузшоев Д - доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 Ботаника, ходими илмии пешбари Институти биологияи Помир ба номи Х.Юсуфбекови АМИТ.

2. Мукумов Илҳом Уктамович - номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.00.05 - ботаника, дотсенти кафедраи ботаника, факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд.

Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи он факултети биология ва химияи пешниҳод карда мешавад.

Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М Назаршоев дода мешавад.

Барои нашр кардани автореферати диссертатсия иҷозат дода мешавад ва он ба муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, олимони соҳа пресл карда шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (илмҳои биологӣ),

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

Наврузшоев Довудшо - доктори илмҳои биологӣ, ходими илмии пешбари Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбекови АМИТ.

Мукумов Илҳом Уктамович - номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.00.05 - ботаника, дотсенти кафедраи ботаника, факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд.

3. Ба сифати муассисаи пешбар кафедраи биологияи умумии ва методикаи он, факултети биология ва химияи Донишгохи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллохи Рудакӣ, тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба химояи диссертатсия дар сомонахои Донишгохи давлатии Хоруғ ба номи М Назаршоев ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо хукуки дастнавис (100 адад) ва пресл гардидани он ба сурогахои таъиншуда ичозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
докторӣ илмхои киповарзӣ,
профессор Сатторов Р.Б.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмхои биологӣ Наврузбекова М.Л.

номзади илмхои биологӣ Давлятова Д.М.

“ ” соли 2026.